# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуйи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

Унвонҷӯ Имамбердиева Саломат ба баррасии номвожаҳои осори устод С. Айнӣ даст зада, дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ» диссертатсия пешниҳод кардааст, ки дар радифи дигар корҳои илмӣ-тадкиқотии марбут ба осори адиб яке аз масоили муҳимми илмӣ ба шумор меравад.

Зимни таҳқиқ унвонҷӯ ба баррасии антропонимҳои ифодакунандаи мифонимҳо, номҳои пайғомбарону чеҳраҳои динию таърихӣ, шоҳону шоҳзодагон, аъёну ашроф, адибону донишмандону фозилон, ҳунармандону пешаварон пардохта, нақши онҳоро дар номгузории манзараҳои табиат, тасвирҳои бадеӣ, ҳаводиси гуногуни таърихӣ, муассисаҳои таълимӣ ва нукоти маскунӣ нишон медиҳад. Номҳое, ки маъноҳои гуногуни услубиро ифода мекунанд, мавриди баррасии махсус қарор мегирад, ки ҷанбаи илмии корро пурратар мегардонад. Таҳлилҳои амиқи илмӣ дар бахши муайян сохтани баромади забонии калимаҳо мушоҳида шуда, аз рӯйи таҳқиқи унвонҷӯ маълум мегардад, ки дар ташаккули исмҳои хос забонҳои тоҷикию арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-байналмилалӣ ва онимҳои омехта нақши асосиро доранд. Сохтори морфологии онимҳои “Ёддоштҳо”-и устод С.Айнӣ дар боби алоҳида баррасӣ гардида, муайян мешавад, онҳо сода, сохта, мураккаб ва дар қолиби ибораҳо истифода шудаанд.

Бобҳои диссертатсия масоили матраҳшударо мантиқан пешниҳод менамояд ва онҳо якдигарро мукаммал менамоянд. Таҳқиқ дар асоси усулҳои илмии тасвирӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, мушоҳида, таҷзияву таҳлил, усулҳои фонетикӣ, маъноию услубӣ ва ғайра истифода шудааст, ки ба

талаботи чунин корҳо муносиб аст. Зимни таҳлилҳо аз андешаҳои донишмандони соҳа барои тақвияти андеша истифода шудааст.

Навгонии кори муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки баррасии ономастикаи “Ёддоштҳо”-и устод С.Айнӣ бо диди нави илми муосир бори аввал сурат гирифта, барои муайян сохтани ҷойгоҳи номҳо дар таркиби луғавии асар ва мавқеи онҳо дар ташаккули маънавиёти миллӣ мусоидат мекунанд. Бори аввал дар сатҳи хуби илмӣ ифодагари маъноҳои гуногуни услубӣ доштани исмҳои хос собит гардида, мансубияти забонӣ ва сохтории онҳо баррасӣ шудааст, ки ба талаботи пешрафти илми муосир пурра ҷавобгӯ аст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври мухтасар дастовардҳои илмии таҳқиқ дар 12 банд оварда мешавад. Маълум мегардад, ки номҳои дар асар истифодашуда тасодуфӣ набуда, ба таъриху маънавиёти миллиамон алоқаманд буда, қисми зиёди онҳо дар байни истифодабарандагон маъруфу маҳбубанд ва ба расму оини мо мувофиқат карда, барои муайян намудани муносибати пайвандии наслҳо, нажод ва ҷиҳатҳои генетикии мардум мусоидат кардаанд.

Дар маҷмуъ, рисола ба забони хуби илмӣ навишта шуда, дастоварди нави илмӣ ба шумор меравад ва зимни мавзӯъ кулли мақсад ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодкардаашро ҳаллу фасл намуда, барои анҷоми чунин пажуҳиш меҳнати зиёд кардааст.

Ногуфта намонад, аз рӯйи фишурдаи диссертатсия, ба назари мо, дар радифи комёбиҳо боз нуктаҳои баҳснок, бархе иштибоҳот низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар оянда рафъи онҳо боиси болоравии ҳусни пажуҳиш хоҳад гардид.

1.Дар матни фишурда ҷо-ҷо такрори фикр ба мушоҳида расида, баъзан аз истифодаи овонигории байналмилал сарфи назар шудааст.

2. Дар диссертатсия баррасии ҷойномҳо камтар ба назар мерасанд. Хуб мешуд, дар баррасии топонимҳои асар низ кӯшида мешуд.

3. Дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг. с. 4, 6, 10, 15).

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, зуд ислоҳшавандаанд ва ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Ҳамин тавр, фишурдаи диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуйи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи онро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ донистан мумкин аст.

**Дотсенти кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, доктори фалсафа доир ба фанҳои филология (PhD)** **Раҳимкулов Ғайрат Норқӯчқорович**

5.06.23

Ғ Раҳимқулов

ning imzosini tasdiqlayman Sharof Rashidov nomidagi SamDU kadrlar bo'limi boshlig'i

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY VA O'RTA MAXSUS TA'LIM VAZIRLIGI SHAROF RASHIDOV NOMIDAGI SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI XODIMLAR BO'LIMI